آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

19 апрели соли 2025
Шанбе
№ 32 (15147)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ЧОРАҲОИ ТАЪМИНИ СУБОТИ ИҚТИСОДӢ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***18 апрел таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба баррасии чораҳои коҳиши таъсири манфии тағйироти иқтисодӣ, ки дар ҷаҳон мушоҳида мешавад, ба соҳа ва шабакаҳо ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

Иқтисодиёти Ўзбекистон ҷузъи ҷудонопазири иқтисодиёти ҷаҳон мебошад. Дар натиҷаи сиёсати оқилонаи хориҷӣ ва фазои мусоиди сармоягузорӣ барои соҳибкорони мо дари бозорҳои нав боз мегардад, намуди маҳсулот меафзояд.

Тибқи таҳлили Донишгоҳи Ҳарвард, дар панҷ соли охир мавқеи Ўзбекистон дар «шохиси мураккабии иқтисодӣ» 25 зина беҳтар шудааст. Ба 162 намуди маҳсулоти миллии мо чунин арзёбӣ кардаанд, ки «дар бозори ҷаҳон бартарии рақобатпазирӣ доранд».

Дар натиҷаи ин ҳама дар солҳои охир содироти мамлакат 2,2 баробар афзуд. Гардиши савдои хориҷӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 57 дарсад расид. Ин то чӣ андоза аз бозорҳои хориҷӣ вобаста будани иқтисоди моро нишон медиҳад.

Аммо ҳоло ҷаҳон яксон нест. Муносибатҳои тағйирёбанда, тарифҳои гуногун ва маҳдудиятҳо ба дигар давлатҳо таъсири силсиладор мерасонанд, ки боиси суст шудани иқтисоди ҷаҳонӣ ва коҳиши савдои байналмилалӣ мешаванд.

Масалан, дар бозорҳои байналмилалии молӣ дар се-чор рӯз 10 триллион доллар аз даст рафт. Дар натиҷаи баланд шудани тарифҳо ҳаҷми савдои байналмилалӣ 3,5 триллион доллар коҳиш ёфта, 7,5-8 дарсад боло рафтанӣ сатҳи таваррум дар ҷаҳон пешгӯӣ карда мешавад.

Хавфи бузургтарин, чун дар замони пандемия халалдор шудани силсилаҳои таъминот ва арзиш дар саросари ҷаҳон аст. Бахусус, чунин вазъ метавонад ба бахшҳои пешқадам, аз қабили саноати нассоҷӣ, техникаи барқӣ, мошинсозӣ ва хӯрокворӣ, ки дар содироти ҷаҳонӣ саҳми баланд доранд, зарба занад. Дар натиҷа рақобат боз ҳам пурзӯр ва тезу тундтар мешавад.

Сарвари давлат таъкид кард, ки дар чунин шароит мо бояд танҳо ба неру ва имконоти дохилии худ такя карда, қадами далерона гузорем. Зикр гашт, ки роҳбарони ҳар як вазорат, соҳа ва минтақаҳо нақшаҳои дақиқро таҳия карда, шахсан ба истеҳсолот ва содирот машғул шаванд.

Барои ин аз ҷониби давлат чораҳои зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва амалӣ андешида мешаванд. Бо ин мақсад чанде пеш бо зиёда аз 3000 нафар соҳибкорон мулоқот карда, мушкилот омӯхта шуданд. Масъалаҳои маъмултарин ба низоми стандарт ва сертификатсия марбут буданд.

Дар мамлакат зиёда аз 25 ҳазор стандарт ва 41 регламенти техникӣ ба талаботи бозори байналмилалӣ ҷавобгӯ нестанд. Ин талаботи кӯҳна ва бюрократизм «дастони» соҳибкоронро баста, ба коррупсия роҳ мекушоянд. Амалиёти пайиҳам сертификатсия кардан то ҳол идома меёбад, ки боиси сарсонии одамон мегардад.

Сармоягузорон мегӯянд, ки аксари озмоишгоҳҳои мо ба талабот ҷавобгӯ нестанд, стандартҳои кишварҳои пешрафта бошад, эътироф намешаванд. Ё баръакс, хулосаи лабораторияҳои моро дар хориҷ эътироф намекунанд. Аз ин рӯ, содиркунандагон барои гирифтани сертификат ба давлатҳои хориҷӣ намуна мефиристанд.

Дар низоми мавҷуда мақомоти сертификатсия назорати бозорро низ анҷом медиҳанд, ки боиси бархӯрди манфиатҳо мегардад.

Дар ҷамъомад эълон шуд, ки бар асоси таҳлили чунин мушкилот ва пешниҳодҳои соҳибкорон фармони Президент дар бораи ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, афзунсозии самаранокии сиёсати савдо ва саноат ба имзо расидааст.

Дар ин фармон ваколатҳои идораҳои танзимоти техникӣ, санитарию эпидемиологӣ, байторӣ, карантин оид ба тақдими хулоса ба маҳсулот дақиқ муайян карда шуданд. Тартиботи такрорӣ ва пайиҳам тадриҷан бекор карда мешавад.

Масалан, бо назорати сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ танҳо Кумитаи бехатарии санитарию эпидемиологӣ ва саломатии ҷамъиятӣ машғул мегардад. Регламентҳои техникӣ ва стандартҳои ҳатмӣ барои хӯрокворӣ бекор карда мешаванд. Қоида ва меъёрҳои санитарии маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ба низоми стандартҳои байналмилалӣ – «Кодекс Алиментариус» ҳамоҳанг мегарданд. Инчунин, амалиёти барӯйхатгирии давлатии маҳсулот дар 7 гурӯҳи молҳои дорои сатҳи баланди хатар бекор карда мешавад.

Номгӯи молҳое, ки барои онҳо сертификатсия ҳатмӣ аст, ихтисор гардида, амалиёти эъломияи мувофиқати маҳсулот ҷорӣ карда мешавад. Дар воридоти асбобу таҷҳизот, ашёи хом, техникаи махсус, нақлиёт меъёрҳои низоми сифат ва назорати хориҷӣ, ки дар мамлакати мо эътироф мешаванд, таҳия мегарданд. Барои воридоти онҳо сертификати миллӣ талаб карда намешавад.

Зарурати қабули Қонун «Дар бораи назорати бозор», ки ин тартиботро фаро мегирад, таъкид карда шуд.

Зикр гашт, ки баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо барои соҳаҳои стандартизатсия, санитарию эпидемиологӣ ва карантин зарур аст.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои боз кардани роҳ барои корхонаҳои маҳаллӣ, афзунсозии истеҳсолот ва содирот диққати махсус дода шуд.

Дар асоси фармони зикршуда, акнун тартиби муайян кардани арзиши гумрукии маҳсулоти воридотӣ комилан ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда мешавад.

То ҳоло дар содироти баъзе молҳо, ки дар бозорҳои қимат талабот зиёд аст, маҳдудият вуҷуд дошт. Акнун, аз 1 июл сар карда, бар содироти ягон маҳсулот маҳдудият гузошта намешавад. Танҳо барои ашёи хом ва маҳсулоти дорои аҳамияти баланди иҷтимоӣ, ки ба 86 гурӯҳи мол дохил мешаванд, боҷҳои содиротӣ гузошта мешавад.

Солҳои охир дар саноати маҳаллӣ мавқеи маҳсулоти қаннодӣ ва нӯшокиҳои сард афзуд. Дастгирии ин шабакаҳо низ муҳим аст. Аз ин рӯ, андози аксизӣ аз шакар бекор карда мешавад. Маҳдудиятҳо дар воридоти шири хушк низ бекор мегарданд.

Дар натиҷа, гардиши солонаи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ва нӯшокиҳои сард, ки қариб 40 ҳазор одамон кор мекунанд, камаш ба 50 триллион сӯм мерасад.

Дар ҷойҳо шӯроҳои маҳаллӣ барои пардохти андози замин ва иҷора то 2 баробар коэффитсиенти афзоянда мегузоранд. Лекин таъсири инро ба тиҷорат омӯхта, зарурати ба инобат гирифтани имконияти соҳибкорон ёдовар гардид.

Баръакс, агар ба онҳо сарбориро кам намуда, фаъолияташон васеъ карда шавад, даромади буҷа меафзояд. Акнун ба соҳибкорон низ иҷозат дода мешавад, ки ин андозҳоро дар як сол ба ду тақсим карда супоранд.

Ба мутасаддиён супориш дода шуд, ки ҷиҳати ба марҳилаи нав бардоштани сиёсати андозу гумрук ва маъмурият бо ҷалби олимону соҳибкорон пешниҳодҳо омода намоянд.

Таъкид гардид, ки Сарвазир ва муовинони ӯ, вазирон ва ҳокимон бо истеҳсолкунандагон ва содиркунандагон доим дар мулоқот бошанд, ҳеҷ як муроҷиат беэътибор намонад ва зуд ҳал карда шавад.

**ЎзА.**

# ОИД БА ЛОИҲАҲО ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКАИ МУҚОБИЛ МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

***Ба Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи рафти иҷрои вазифаҳо дар соҳаи энергетика ва татбиқи лоиҳаҳои нав маълумот дода шуд.***

Ба мақсади қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба захираҳои энергетикӣ ҳар сол лоиҳаҳои зиёд амалӣ мешаванд. Дар натиҷаи ин талошҳо дар панҷ соли охир ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ 30 фоиз афзуда, ба 81,5 миллиард киловатт-соат расид.

Мувофиқи ҳисобу китоб то соли 2035 истеъмоли неруи барқ дар кишвар 121 миллиард киловатт-соатро ташкил хоҳад дод. Ба ин муносибат ҳанӯз аз имрӯз оид ба рушди тамоми самтҳои энергетика чораҳо андешида мешаванд. То соли 2030 то ба 54 фоиз расондани ҳиссаи энергетикаи «сабз» дар ҳаҷми умумии тавлид ба нақша гирифта шудааст.

Самтҳои умедбахши ин соҳа гидроэнергетика ва энергетикаи атомӣ маҳсуб меёбанд.

Аз ҷумла дар солҳои 2025-2026 бунёди 2 983 неругоҳи хурди барқи обӣ бо иқтидори умумии 167 мегаватт ба нақша гирифта шудааст. Ин иншоот имкон медиҳад ҳар сол 500 миллион киловатт-соат неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол ва 151 миллион метри мукааб гази табиӣ сарфа карда шавад. Дар марҳилаи сохтмон 1200 нафар ва пас аз ба истифода додани иншоот 520 корманди доимӣ ба кор ҷалб карда мешаванд.

Вазири энергетика дар бораи лоиҳаҳое, ки барои соли равон ба нақша гирифта шудаанд, маълумот дод. Соли ҷорӣ ба истифода додани 1 185 неругоҳи хурди барқии обӣ бо иқтидори умумии 65 мегаватт ба нақша гирифта шудааст, ки қисми зиёди он аз ҷониби соҳибкорон амалӣ мешаванд.

Инчунин дар оянда истифодаи энергетикаи атомӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои асосӣ низ дар назар аст. Айни ҳол корҳо бобати лоиҳаи сохтмони неругоҳи хурди атомӣ идома доранд. Тамоми марҳилаҳо – аз тарҳрезӣ то ба истифода додан – таҳти назорати қатъии агентии байналмилалии неруи атомӣ (МАГАТЭ) бо истифодаи таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ ва талаботи бехатарӣ амалӣ хоҳанд шуд.

Роҳбари агентии «Ўзатом» дар бораи созишномаҳои бадастомада, ҷараёни музокирот ва татбиқи лоиҳа маълумот дод.

Оиди сари вақт ба истифода додани объектҳо ва бо энергияи иловагӣ таъмин кардани аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт супоришот дода шуданд.

**ЎзА.**




*Дар маркази намоишгоҳи байналхалқии «CAExUzbekistan» чорабиниҳои намоиши байналхалқии Тошканд-29, «Ҳифзи тандурустӣ – TIHE 2025» баргузор шуд.*

*Намоишгоҳи мазкур чорабинии бузурги байналхалқӣ дар бахши технологияи пешқадам, асбобу ускунаҳои ташхисгузории дақиқ, таҷҳизоти муосири тиббӣ дар соҳаи тиб махсуб мешавад.*

*Намоишгоҳ аз 23 мамлакат беш аз 400 ширкат ва брендро муттаҳид сохт. Ширкатҳои пешбари ИМА, Олмон, Туркия, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Чин, Итолиё, Қазоқистон, Русия, Ҳиндустон аз он ҷумлаанд. Кишвари Чин (116 ширкат), Корея (16 ширкат), Туркия (8 ширкат), Олмон (12 ширкат) фаъол буданд.*

*Теъдоди ширкатҳои маҳаллӣ низ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Иштироки онҳо имсол 24 фоизро ташкил дод.*

***Дар акс:** лавҳае аз намоишгоҳ.*

***Аксбардор: А. АЛИҶОНОВ (ЎзА).***

# ЎЗБЕКИСТОН МИЗБОНИ ФОРУМИ ХАДАМОТИ ДАВЛАТИИ СММ ХОҲАД ШУД

***Имсол Форуми хадамоти давлатии Созмони Милали Муттаҳид баргузор мешавад. Ба ин ҳамоиши бонуфуз бори аввал Ўзбекистон мизбонӣ мекунад.***

Чорабинии байналмилалӣ, ки баргузории он рӯзҳои 23–25 июни соли 2025 дар назар аст, дар маҷмааи «Silk Road Samarkand»-и шаҳри Самарқанд баргузор хоҳад шуд.

Ин ҳамоиши глобалӣ вазирон, меҳмонони баландпоя, роҳбарони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва навоваронро барои мубодилаи афкор доир баояндаи хадамоти давлатӣ гирди ҳам меорад.

Чорабинӣ таҳти унвони «Панҷ сол то соли 2030: Тезонидани хидматрасонии давлатӣ бароиояндаи устувор» баргузор гардида, аз ҷониби Департаменти иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ (UN DESA) дар ҳамкорӣ бо Вазорати технологияҳои рақамии Ўзбекистон, Агентии ислоҳоти стратегӣ ва Агентии рушди хадамоти давлатӣ ташкил карда мешавад.

**Н. АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

# МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАГӢ БА ҲАМОИШҲОИ МИНБАЪДА БАРРАСӢ ШУДАНД

**Ҳайати парлумонии Ўзбекистон дар чорабиниҳои Ассамблеяи Байнипарлумонии кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки дар шаҳри Санкт-Петербург ҷараён доранд, иштирок менамояд.**

Дар ҷамъомади Шӯрои АБ ИДМ раиси Шӯро, раиси Шӯрои Федералии Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия В. Матвиенко роҷеъ ба 150-солагии Ассамблеяи Иттиҳоди байнипарлумонӣ (ИБП), ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардид ва натиҷаҳои он изҳори назар кард. Вай гуфт, ки анҷуман дар сатҳи баланд баргузор гардида, ҷониби мизбон маҳорати баланди ташкилии худро дар қабули меҳмонон ва гузаронидани чорабинӣ нишон дод.

Раиси Сенат Т.Норбоева аҳамияти иштироки фаъолонаи ҳайатҳои парлумонии кишварҳои ИДМ, саҳми онҳоро дар ҳуҷҷатҳои қабулшуда ва пешниҳодҳои матраҳшуда зикр намуд. Инчунин омодагии доимии худро барои ҳамкории минбаъда дар баргузор намудани чунин анҷуманҳои бузурги байналмилалӣ изҳор дошт.

Баъдан, масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа баррасӣ шуданд. Иштирокдорон ба натиҷаҳои мониторинги нозирони байналмилалии АБ ИДМ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Беларус ва интихоботи парлумонии Тоҷикистон диққати махсус доданд.

Аз ҷумла, ҳамоҳангсози ҳайати АБ ИДМ, раиси Кумитаи Сенати Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои суду ҳуқуқ ва мубориза бо коррупсия А. Эшмуродов дар бораи натиҷаҳои мушоҳидаи интихоботи парлумонии Тоҷикистон, ки рӯзи 2 марти соли 2025 баргузор гардид, маълумот пешниҳод кард.

Дар ҷаласаи Шӯро фаъолияти АБ ИДМ дар соли 2024 сарҳисоб гардида, масъалаҳои омодагӣ ба ҳамоишҳои байналмилалии минбаъда муҳокима шуданд.

***

**Дар доираи АБ ИДМ Раиси Сенати Ўзбекистон Танзила Норбоева бо Раиси Маҷлиси Миллии Озарбойҷон Саҳиба Ғаффорова мулоқот анҷом дод.**

Ҷонибҳо таъкид намуданд, ки рушди босуръати муносибатҳои Ўзбекистон ва Озарбойҷон ба дӯстии мустаҳкам ва эътимоди байни роҳбарони ду кишвар асос ёфтааст.

Ба натиҷаҳои Ассамблеяи ҷашнии 150-солагии Иттиҳоди байнипарлумонӣ (ИБП) таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Зикр гашт, ки ин ҳамоиши бузург ба туфайли пуштибонии васеи ташаббуси Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар сатҳи байналмилалӣ баргузор гардид.

Ба ҷониби Озарбойҷон барои ташкили конфронс бахшида ба 70-солагии рӯҳи Бандунг дар доираи шабакаи парлумонии Ҳаракати бетарафӣ изҳори сипос карда шуд.

Масъалаи корҳои омодагӣ ба нахустин Форуми занҳои вакили парлумони Ўзбекистон ва Озарбойҷон низ дар меҳвари мулоқот қарор гирифт. Аз рӯйи таъсиси гурӯҳи дӯстӣ барои ташкили форум ба мувофиқа расиданд. Аз ҷониби Ўзбекистон консепсияи форум ва мавзӯъҳои панел-сессияҳо, ки масъалаҳои баробарии гендерӣ, таълим, соҳибкории занон, сайёҳӣ ва ҳамкории парлумонҳои ҷавононро фаро гирифтаанд, пешниҳод гардиданд.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими минбаъдаи ҳамкории байнипарлумонӣ, тавсеаи рӯзномаи ҳамкории дуҷониба ва ҳамоҳангсозӣ дар доираи сохторҳои байналмилалии парлумонӣ тасдиқ карданд.

***

**Раиси Сенат Танзила Норбоева бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ низ мулоқот анҷом дод.**

Т.Норбоева Рустами Эмомалиро ба муносибати раиси парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданаш табрик гуфта, изҳори итминон кард, ки ҳамкориҳои сатҳи баланд ва робитаҳои мустаҳкам миёни мақомоти қонунгузории ду давлат дар давраи оянда низ таҳким меёбанд.

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба муҳокима гардида, зикр гашт, ки пойдевори мустаҳками шарикии стратегии Ўзбекистон – Тоҷикистон дар асоси ҳамкории наздики роҳбарони ду давлат ва сатҳи волои эътимоди мутақобила рушду тавсеа меёбад.

Нақшаҳои фаъолгардонии ҳамкориҳои байнипарлумонӣ дар робита ба ташаккули ҳайати нави парлумонҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҷонибҳо бо ворид кардани масъалаҳои назорати парлумонӣ аз болои иҷрои тавофуқоти дар сатҳи олӣ ҳосилшуда ба рӯзнома, омодагии худро барои баргузории ҷамъомади гурӯҳи дӯстии “Ўзбекистон – Тоҷикистон” тасдиқ карданд.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо ҷиҳати таҳкими мулоқоти парлумонии байни ду давлати дӯст ва амиқсозии ҳамаҷонибаи шарикӣ ба мувофиқа расиданд.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА**

***Бинобар қарори Президенти мамлакат аз 16 июни соли 2022 «Дар бораи такмили минбаъдаи низоми ёрии таъҷилии тиббӣ ба аҳолӣ» таҳти рақами ҚП-283 бунгоҳҳои ёрии таъҷилии тиббии «Ўзбекон»-и ноҳияи Вобканд, «Шехонча»-и ноҳияи Бухоро аз нав бунёд ва баъди муҷаҳҳазгардонӣ ба истифода супорида шуд.***

# ИФТИТОҲИ ШУЪБАҲОИ НАВИ ЁРИИ ТАЪҶИЛИИ ТИББӢ

Бояд гуфт, ки ин нуқтаҳо ба даҳҳо ҳазор нафар аҳолии деҳаҳои гирду атроф хидмати аввалини тиббии босифат мерасонанд. Ҳамин тариқ дар ноҳияҳои Ғиждувон ва Қаровулбозор низ чунин масканҳои ёрии таъҷилии тиббӣ ба кор даромаданд. Ин нуқтаҳо баробари кумаки тиббӣ ба аҳолӣ, ҳангоми сар задани ҳодисаҳои нақлиётӣ дар шоҳроҳҳои «М-37» ва «А-380» ба ҷабрдидагон ёрии нахустини тиббӣ мерасонанд.

Дар маросими кушодашавии шуъбаҳои ёрии таъҷилии тиббӣ директори Маркази ёрии таъҷилии тиббии ҷумҳурӣ А. Ғафуров, сардори Садорати ҳифзи тандурустии вилоят Э. Олтиев, вакилони ҳокимият, масъулони соҳа ва намояндагони ҷамъиятӣ иштирок карданд.

Ба сухан баромадагон дар бораи ғамхориҳои ҳукумат дар роҳи ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳарф заданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Солҳои охир дар кишварамон ҷиҳати самаранок истифода бурдани замини назди-ҳавлӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии соҳибзаминҳо, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва зиндагии мардуми деҳот корҳои судманд ба роҳ монда шудаанд. Натиҷаи ин аст, ки дар қитъаҳои замини худ ҳосил рӯёнда, аз он фоида гирифтан ба манбаи асосии даромади аксари ҳамватанамон табдил ёфтааст.***

# «ЯК МАҲАЛЛА – ЯК МАҲСУЛОТ»: МАНБАИ ҶОЙИ КОР ВА ДАРОМАДИ БИСЁР

Имрӯз ба кадом гӯшаи кишварамон равед, мебинед, ки бештари мардум, бахусус сокинони деҳот гармхонаҳо сохта, аз ҳар ваҷаб замини худ ҳосили фаровон мегиранд. Рушди соҳаи гармхона ва васеъ намудани афзоиши сабзавоти ватанӣ, қонеъ гардондани талаботи аҳолии кишвар бо маҳсулоти хушсифат дар чор мавсими сол, ба вуҷуд овардани бозори васеи фурӯш ва афзун намудани имкониятҳои содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар беҳбуди иқтисодиёти кишвар, таъмини некуаҳволии мардум ва муҳимтар аз ҳама, таъсиси ҷойҳои нави корӣ аҳамияти калон дорад.

Аммо дар бобати босуръат тараққӣ додан ва самаранок истифода бурдани гармхонаҳо мушкилоти зиёд ба миён меоянд. Аз ҷумла, бо сард шудани рӯзҳо дар интиқоли газ барои гарм кардани гармхонаҳо номутаносибӣ мушоҳида мешавад.

Шубҳае нест, ки қарорҳои «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии хоҷагиҳои гармхона» ва «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба ҷалби аҳолӣ ба соҳибкорӣ ва рушди соҳибкории оилавӣ дар минтақаҳо», ки аз ҷониби Президенти кишвар ба имзо расидааст, барои бартараф намудани ин мушкилот ва рушди хоҷагиҳои гармхона хидмат мекунад.

Дар ҳуҷҷати мазкур ба назди тамоми роҳбарони ҳудудҳо вазифа гузошта шудааст, ки ҳар як маҳалларо бо назардошти хусусиятҳои хоси онҳо ва аз рӯйи тамоюли «Як маҳалла – як маҳсулот» ба самти мушаххас ихтисос диҳанд ва бо назардошти шароит ва хоҳиши оилаҳо кредитҳои имтиёзнок ҷудо кунанд.

Ҳамчунин, аз ҷониби Агентии рушди боғдорӣ ва гармхонаҳо ба хоҷагиҳои гармхона интиқол додани тухмӣ, ниҳол, нуриҳои маъданӣ ва дигар захираҳои моддӣ ва хариди маҳсулот аз онҳо роҳандозӣ шудааст.

Ноҳияи Косонсой яке аз минтақаҳои ҳосилхези вилояти Намангон буда, дар минтақа кишоварзӣ ва гармхонадорӣ рушд ёфтааст. Ба далели иқлими мӯътадил ва ҳосилхез будани замин аксари деҳқону соҳибкорон ба тиҷорати гармхона таваҷҷуҳ доранд. Дар ин ноҳия дар асоси тамоюли «Як маҳалла – як маҳсулот», ки дар зиёд шудани даромади аҳолӣ нақши калон мебозад, нуқтаҳои афзоиши минтақавӣ интихоб шудаанд.

Маҳаллаи Боғибаланди ноҳия дар боғдорӣ намунаи ибрат аст. Дар маҳалла ба кадом хонае дароед, гувоҳ мешавед, ки соҳибони хона аз ҳар ваҷаб замин самарабахш истифода мебаранд ва ба нишондодҳои назаррас ноил мегарданд.

Дар маҳалла аксар хоҷагиҳо бодиринг, помидор, қаланфури булғорӣ, картошка ва сирпиёз кишт мекунанд. Ғайр аз ин, дар баъзе хоҷагиҳо гулҳои хориҷиро ба шароити маҳаллӣ мутобиқ кардаанд. Дар гармхонаҳо навъҳои баландсифати помидору бодиринг ва дигар сабзавотҳо мавҷуданд, ки ба стандартҳои аврупоӣ ва миллӣ ҷавобгӯ мебошанд. Дар 59 маҳаллаи ноҳия зиёда аз 20 гектар гармхона мавҷуд аст. Ин соҳа ба шарофати технологияи пешқадам ва меҳнати деҳқонони пуртаҷриба боз ҳам рушд меёбад. Гармхонаҳои мавҷудаи ноҳия дар таъмини бозорҳои кишварамон бо маҳсулоти тару тоза ва афзун намудани ҳаҷми содирот саҳми муносиб мегузоранд.

Сокини маҳаллаи Боғибаланд Собитҷон Мамаҷонов дар 6 хол замин гармхона сохта, дар он помидору бодиринг шинонд ва пас аз соле аз ҳисоби фоида гармхонаашро васеъ кард. Ҳоло аз тамошои нашъунамои ниҳолҳо чашм меболад. Соҳибкор инчунин бо парвариши 100 сар чорвои калони шохдор ва паррандаҳо низ машғул аст.

– Замин манбаи рӯзгор ва даромади иловагӣ аст, – мегӯяд С. Мамаҷонов. – Ҳатто гармхонаи хурде, ки дар назди хона аст, асоси пешравии хоҷагӣ шуда, бо мурури замон ба манбаи устувори даромад табдил ёфта метавонад. Навъи помидор ва бодиринге, ки мо парвариш мекунем ба бемориҳо тобовар буда, ба нуриҳои минералӣ кам ниёз дорад. Дар сурати қатъи риоя кардани талаботи агротехникӣ дар як сол ду-се маротиба ҳосил гирифтан мумкин аст. Ман инро дар таҷрибаи худ санҷида, боварӣ ҳосил кардам.

Дар Косонсой Собитҷон Мамаҷонов барин шахсоне, ки софдилона меҳнат карда, аз замини хурд пурсамар истифода мебаранд, бисёранд. Аз ҳисоби маҳсулоте, ки деҳқон ва аъзоёни оилаи ӯ рӯёнда, ба истеъмолкунандагон мерасонанд, некуаҳволии оила таъмин ва дасторхон серу пур аст. Илова бар ин аъзоёни оила ҳам кор ва ҳам даромад доранд,

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# БЕҲТАРИН НУҚТАҲОИ ФУРӮШИ СӮЗИШВОРӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

***Чӣ тавр нуқтаҳои фурӯши маводи нафту газ ё сӯзишвории автомобилҳо метавонанд ойинаи кишвар бошанд? Мо ҷавоби ин суолро зимни як чорабинӣ пайдо намудем, ки бо ибтикори Кумитаи сайёҳии Вазорати экология, муҳити зист ва тағйирёбии иқлими ҷумҳурӣ баргузор гардид.***



Барои он ки нахуст муштарии рӯзномаро бо моҳияти мавзӯъ ошно кунем ва баъдан ба тафсилоти он пардозем, зикри ҳамин нуктаро ҷоиз мешуморем, ки сарсабзу хуррамии нуқтаҳои фурӯши сӯзишвориро ғайр аз шаҳрвандони кишвар, меҳмонони сатҳи гуногун ва сайёҳони зиёд низ мебинанд.

Хушбахтона, саворони мошинҳо аз манзараи дилфиребу он баҳра мебаранд, аз ташнобу замонавӣ ва дорои тамоми шароити нуқтаҳо истифода мекунанд, аз дӯкон об ё ягон намуди ғизо меxаранд, ё андак роҳ рафта, пойҳояшонро ба ҳаракат медароранд. Ҳамаи ин бар асоси қарори Девони Вазирон аз 21 сентябри соли 2019 таҳти рақами 793 «Дар бораи чораҳои рушди минбаъдаи инфрасохтори канори роҳҳо ва сайёҳӣ» мавриди иҷро қарор дода шудаанд.

Кумитаи сайёҳӣ ҳайатеро таъсис додааст, ки аъзоёни он беҳтарин нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории бензин, пропан ва метанро дар соли 2024 муайян намуданд. Дар ин раванд онҳо ба сатҳи сарсабзу хуррамии ҳудуд, инчунин дар ихтиёри мизоҷон гузоштани ташноб ё ҳоҷатхонаҳо барои мардону занон ва маълулон, дӯконҳои ғизофурӯшӣ ва ҷойи дамгирии муваққатӣ ва амсоли он эътибор доданд. Зеро самти афзалиятноки фаъолияти ин нуқтаҳо ба он равона карда шуд, ки дар рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ ва зиёд намудани ҳиссаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии минтақаҳо то чи ҳад нақши муассир бозида метавонанд.

Гузашта аз ин, афзунсозии теъдоди сайёҳон ба кишвар зарурати сохтан ва ба истифода додани иншооти санитарию гигиении давлатиро низ тақозо менамояд, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад. Ҳамвора ба маълӯлон дар мавзеъҳои сайёҳӣ ва қад-қади шоҳроҳҳои минтақаҳои кишвар шароит фароҳам оварда шавад. Гуфта мешавад, инҳо масъалаҳое мебошанд, ки иҷрояшон таъхирнопазир аст ва таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд.

Раиси Кумитаи сайёҳии Вазорати экология, муҳити зист ва тағйирёбии иқлим Умед Шодиев дар чорабинии қадршиносии нуқтаҳои фурӯши беҳтарини бензин, пропан ва метани шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд изҳор намуд, ки ташаббуси кумитаро тамоми ҳокимиятҳои маҳаллӣ, вазорат ва идораҳои марбута ҳамовозӣ карданд, дар натиҷа вазъияти вобаста ба таъмини ҳолатҳои санитарӣ-гигиенӣ хеле беҳтар гардид.

– Дар давоми солҳои 2017-2025 дар саросари ҷумҳурӣ зиёда аз 10 ҳазор иншооти санитарию гигиенӣ мутобиқи талаботи замон азнавсозӣ ва таъмир шуданд. Қариб 50 фоизи он дар ҳамаи нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ барои мошинҳо мавриди иҷро қарор гирифт. Инчунин, Кумитаи сайёҳӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 50 стансияҳои намунавии санитарию гигиенӣ сохта, тибқи шартҳои шарикии давлатии иҷтимоӣ ба ихтиёри субъектҳои хоҷагидорӣ тақдим намуд, – изҳор кард Умед Шодиев.

Зикр гашт, дар замони қабули қарори Девони Вазирон ҳамагӣ 20 дарсади нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз буданд ва дар натиҷаи талошҳои муштарак ин рақам ҳоло ба беш аз 95 фоиз расид.

Дар асоси қарор ба соҳибони тамоми намуди сӯзишворӣ имконият дода шуд, ки аз ҳисоби хидматрасонии савдо ва маишӣ ба аҳолӣ, гардиши истифодабарандагонро васеъ намоянд, нуқтаҳои асосии фурӯши хӯрокворӣ ташкил кунанд.

Дар натиҷа дар ҳудуди 2,9 ҳазор нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, 1,7 ҳазор нуқтаи хидматрасонии маишӣ қариб 550 адад нуқтаи хӯрокворӣ ва ҳазор нуқтаи бепули Wi-Fi ташкил гардида, беш аз 1,5 ҳазор нафар шахсони камбизоат ва маъюбон бо ҷойи кор таъмин шуданд.

– Мо солҳои 2020-2021 барои беҳтаринҳо ҷоизаҳо таъсис додем ва онро намояндагони соҳа хуш пазируфтанд. Ҳатто ин корамон боиси ба вуҷуд омадани рақобати солим байни онҳо гардид ва барои боз ҳам беҳтар шудани сифати хидматрасониҳои иловагӣ мусоидат кард. Аз ҳар минтақа яктои беҳтарин нуқтаи фурӯши бензин, пропан ва метанро интихоб намудем. Солҳои 2022-2023 маросими ҷоизасупорӣ бо сабабҳои гуногун баргузор нашуд, аммо ҳангоми пурсишҳо дар соли 2024 шумораи зиёди соҳибкорон ва соҳибони нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ идома додани ин ташаббусро ҷонибдорӣ карданд, – гуфт У. Шодиев.

Натиҷагириҳо маълум намуданд, ки аз рӯи номинатсияҳои «Беҳтарин нуқтаи фурӯши гази метан», «Беҳтарин нуқтаи фурӯши гази пропан» ва «Беҳтарин нуқтаи фурӯши бензин» ҷойҳои ифтихориро Ҷамъияти саҳҳомии масъулияташ маҳдуди «Давр оша»-и шаҳри Гулистони вилояти Сирдарё, Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ГАЗОНЕ РЕТАЙЛ»-и ноҳияи Пискенти вилояти Тошканд ва Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «СЕГ ТАССО»-и ноҳияи Бектемири шаҳри Тошканд гирифтанд. Ба роҳбарони он ҳайкалчаи рамзӣ ва ташаккурнома супорида шуд.

– Дар ҳақиқат, зиёд кардани шумораи чунин нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, ки барои сабзу хуррам ва тоза нигоҳ доштани муҳити зист, беҳтар шудани вазъияти экологии мамлакатамон саҳм мегузоранд, талаби замон мебошад. Онҳое, ки дар ин самт меҳнати пурсамар анҷом медиҳанд, ҳатман эътироф ва соҳиби мукофотҳо хоҳанд шуд, – гуфт Умед Шодиев.

Маросими мазкур бо баромади дастаҳои ҳунарӣ ва гурӯҳҳои раққосони моҳир ба фарҷом расид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# Замини назди ҳавлӣ – манбаи даромад



*Сокини ҷамоаи шаҳрвандони овули «Оқ олтин»-и ноҳияи Амударёи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон – Янгибой Қурбонниёзов аз нафаронест, ки фаъолияти меҳнатиашро ба соҳаи роҳи оҳан бахшидааст.*

*Ҳоло дар чор хол гармхонаи назди ҳавлиаш бо парвариши картошкаи навъи хориҷӣ машғул аст. Дар гармхона, баъд аз ғундоштани ҳосил, сабзӣ, кориданист. Дар баробари ин, дар як холи боқимонда мехоҳад, карам ва дигар маҳсулоти полизӣ парвариш намояд.*

*Янгибой, ба ҷуз ин, берун аз гармхона, дар беш аз 4 холи замини назди ҳавлӣ карам ва боимҷон кошта, ҳосили дилхоҳ рӯёнд.*

*Бале, ҳоло дар кишварамон инсонҳое, ки мисли Янгибой Қурбонниёзов аз паси меҳнат ва чашмикордонӣ даромади зиёд ба даст меоваранд, кам нестанд.*

***Дар акс:** Янгибой Қурбонниёзов дар замини назди ҳавлӣ.*

***Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# ШУКРОНАИ НОРБОЙБОБО

Мутаассифона, дар ҳудуди вилоят сафи шоҳидони таърихи зинда – иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон сол аз сол кам мешавад. Доир ба ин мавзӯъ ба садорати нафақаи вилоят муроҷиат кардем, иттилоъ доданд, ки ҳоло дар Бухоро танҳо се ҷанговар ва ду нафар дар муҳосираи Ленинград мондаву ба конслагер афтодагон дар қайди ҳаётанд. Аз инҳо Норбой Қаршиев дар шаҳри Бухоро, Файзулло Ҳоҷиев дар ноҳияи Бухоро, Ҳоҷимурод Бектошев дар ноҳияи Олот, Р. Б. Риутова ва Катизе Меншитова дар шаҳри Бухоро зиндагӣ доштаанд.

Маълум шуд, ки соҳиби дараҷаи дуюми ордени «Ҷанги ватанӣ« ва медали «Ҷасорат« Норбой Қаршиев дар ҳавлии рақами 22-юми кӯчаи Шофиркони шаҳр бо наберааш Дилором Кулянова истиқомат мекардааст. Ҳангоми мулоқот аён гардид, ки зодгоҳи Н. Қаршиев аслан ноҳияи Каттақӯрғони вилояти Самарқанд будааст. Соли таваллудаш 1923 бошад ҳам, дар ҳуҷҷат соли 1926 сабт гардидааст. Ӯ дар хурдӣ аз падару модар ятим монда, дар хонаи бачагони Ғиждувон ба воя мерасад. Баъд ба фабрикаи абрешимресии Бухоро ба кор медароянд, барои хидмати ҳарбӣ ба Чирчиқ меравад. Баъди тайёрии махсус моҳи ноябри соли 1944 ба Фронти 1-Белоруссия (фармондеҳаш Чуйков) сафарбар мешавад. Ӯ дар ҳарбу зарбҳои ҳалкунандаи Минхаузен, Бухенвалд ва Берлин иштирок кардааст. Дар яке аз ҷангҳои шадид баъди таркиши снаряд, аз дасти рост сахт захмдор мешавад. Баъди муолиҷа боз ба қисми ҳарбӣ бармегардад. Баъди Ғалаба бар фашизми Олмон Норбой Қаршиев боз панҷ сол хидмати ҳарбиро дар Берлин давом медиҳад. Ниҳоят соли 1950 ба Бухоро баргашта, ба корхонаи таъминоти энергияи электри Бухоро чун челонгар ба кор медарояд. Рафиқи ҳамроқаш Ҳомид Ҷалилов низ дар ин ҷо кор мекард. Ҳамин тариқ, Норбой Қаршиев баъди синни нафақа ҳам 11 сол дар он ҷо фаъолияти меҳнатиашро идома дод. Аз соли 1992 бознишастааст.

Н.Қаршиев бо ҳамсараш Сониябибӣ ду духтару се писарро ба воя расонда, соҳиби кор, хонаю дар карданд. Аз вафот кардани ҳамсараш вақти зиёд гузашта бошад ҳам, фарзандон, наберагону аберагон ӯро танҳо намегузоранд.



Норбойбобо вақти холии худро дар ҳалқаи наберагон бо китобхонӣ, шоҳмоту шашкабозӣ ва сайр дар фазои кушод мегузаронад. Ҳамоно бардаму солим аст ва аз рӯзгори осоиштаи имрӯза шукрона мегӯяд. Мехоҳад, ки ҷавонон ва наврасони саодатманд ба қадри ин рӯзҳои хушу ободу ором бирасанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## ИНСОН ВА ҚОНУН

***Тибқи муқарраароти Кодекси андози ҷумҳурӣ ҳар як шаҳрванд ӯҳдадор аст, ки талаботи қонунгузории ҳар як намуди андозро то муҳлати муқарраршуда иҷро намояд. Ҳангоми саривақтӣ пардохт накардани маблағи андоз, бино ба қонунгузорӣ нисбати шаҳрванд чора дида мешавад.***
***Барои равшанӣ андохтан ба баъзе мушкилоти соҳа ба номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бародар РАҲИМОВ бо чанд савол муроҷиат намудем.***

# КИҲО АЗ ПАРДОХТИ АНДОЗ ОЗОДАНД?

**– Оё қитъаҳои замини боғ, боғу гулгаштҳо андозбандӣ мешаванд?**

– Пардохти андоз барои истифодабарии қитъаҳои замин ӯҳдадории умумӣ мебошад. Тибқи Кодекси андоз пардохтҳо ба буҷет барои истифодаи қитъаҳои замин дар шакли андози замин ё пардохти иҷораи замин сурат мегирад. Аммо вобаста ба таъиноти истифодабарӣ қитъаҳои алоҳидаи замин объекти андоз ба ҳисоб намераванд.

Мутобиқи моддаи 426 Кодекси андоз қитъаҳои заминҳои зерин, ки шахсони ҳуқуқӣ аз онҳо истифода мебаранд, объектҳои андозбандӣ ба ҳисоб намераванд:

1) Заминҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар доираи фаъолияти худ истифода мебаранд;

2) Заминҳои истифодаи умумии майдонҳои аҳолинишин, кооперативҳои боғу токпарварӣ ё полизӣ (майдон, кӯчаву хиёбон, роҳ, шоҳроҳ, шабакаи обёрӣ, қубур, заминҳои назди соҳил ва ба ҳамин монанди мавриди истифода);

3) Заминҳое, ки дар шоҳроҳҳо барои истифодаи умум ҷойгир шудаанд;

4) Заминҳое, ки барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти маданию маишии аҳолӣ ва истироҳат истифода мешаванд (боғ, хиёбон, ҷойҳое, ки барои ташкили истироҳати умумӣ ва туризм таъин шудаанд, инчунин заминҳое, ки шабакаҳои каналҳо ишғол кардаанд);

5) Мамнӯъгоҳҳои давлатӣ, мамнӯъгоҳҳои маҷмӯӣ (ландшафтӣ), замини осорхонаҳо, мамнӯъгоҳҳои гумрукӣ (ба истисноии мамнӯъгоҳҳои дар хоҷагиҳои шикорӣ таъсисдодашуда), мамнӯъгоҳҳои давлатии биосферӣ, боғҳои миллӣ;

6) Заминҳое, ки ба муассисаю ташкилотҳои дахлдор барои истифодаи доимӣ дода шудаанд, қитъаҳои замини дорои омилҳои табиии шифобахшие, ки барои ташкили корҳои профилактикӣ ва муолиҷавӣ мусоидат мекунанд;

7) Қитъаҳои замини дорои аҳамияти дамгирие, ки барои ташкили истироҳати оммавӣ ва сайёҳии аҳолӣ ба муассисаю ташкилотҳои дахлдор дода шудаанд;

8) Заминҳои дорои аҳамияти таърихию фарҳангие, ки ба муассиса ва ташкилотҳои дахлдори мероси моддии фарҳангӣ барои истифодаи доимӣ дода шудаанд;

9) Заминҳое, ки истгоҳҳо ва постҳои гидрометеорологӣ ва гидрогеологӣ ишғол кардаанд;

10) Заминҳои дар балансии шахсони ҳуқуқӣ ва ҳифзи шаҳрвандӣ буда ва заминҳои дорои аҳамияти коммуналию маишӣ (маконҳои дафн, ҷамъоварӣ, коркард ва навъбандии партовҳои маишӣ, сохтмон ва дигар партовҳо, инчунин маҳалҳои безараргардонӣ ва нобуд кардани партовҳо);

11) Заминҳои назди биноҳои серошёна ва хобгоҳҳои умумӣ, инчунин қитъаҳои замини назди биноҳои серошёна, қитъаҳои замини ишғолкардаи объектҳои ғайриистиқоматӣ;

12) Фонди об;

13) Захираҳо;

14) Қитъаҳои замине, ки барои корҳои иктишофи геологӣ ва (ё) тадқиқот ҷудо шудаанд.

Боғҳои истироҳатӣ тибқи моддаи мазкур андозро барои қитъаҳои замин пардохт намекунанд. Аз ин рӯ, барпо кардан ва истифода бурдани боғҳои истироҳатӣ бояд ба манфиати ҷамъият бошад. Муносибатҳо вобаста ба ташкили боғҳои истироҳатӣ ва истифодаи онҳо бо Қарори Девони Вазирон, аз 17 марти соли 2018 тасдиқ карда шудааст. Мутобиқи Низомнома дар бораи методологияи ташкили боғҳои истироҳатӣ ва минтақаҳои сабз, ки бо қарор таҳти рақами 671 аз моҳи августи соли 2018, тасдиқ шудааст, танзим карда мешавад. Мутобиқи ин низомнома мақсади лоиҳаи мазкур аз ташкили боғҳои фароғатӣ, беҳтар намудани хидматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ва баланд бардоштани дастрасии онҳо ва таъмини самаранокии истифодаи амволи боғҳои фароғатӣ тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, ҳадафҳои ин бахшҳои имтиёзнок ҷомеа аст, ки то чӣ андоза муфид будани он як меъёри муҳим мебошад.

**– Киҳо аз пардохти андоз озод карда мешаванд?**

– Бино ба моддаи 436 Кодекси андоз шаҳрвандоне, ки сазовори унвонҳои Қаҳрамони Ӯзбекистон, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони меҳнат, ҳар се дараҷаи ордени «Шуҳрат», маълӯлон ва иштирокдорони ҷанг, инчунин шахсоне, ки ба онҳо баробар карда шудаанд, маълӯлони гурӯҳҳои I ва II, нафақахӯрони танҳо, оилаҳои серфарзанд, ки падар ё модарашон вафот кардаанд, иштирокдорони ҳодисаи ҳалокатбори Чернобил (СБА) аз пардохти андоз озод карда мешаванд.

Мусоҳиб
**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МАТЕМАТИКА ДАР ҲИФЗИ ТАБИАТ ЧӢ ГУНА АҲАМИЯТ ДОРАД?

Соли 2025 дар ҷумҳурии мо Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» эълон гардид, ки ин ҷиҳати ҳифзи захираҳои табиӣ ва гуногунии биологӣ аҳамияти бузург дорад.

Бояд гуфт, ки математика гоҳо ҳамчун фанни абстракт эътироф гардида, дар соҳаи экология нақши ғайричашмдошт, вале муҳимро соҳиб мегардад. Ҳоло дар назди кафедраи «Математика ва фанҳои табиӣ дар таълими ибтидоӣ»-и Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ маҳфили илмии «Экоматематика» фаъолият дорад, ки маҳз бо мақсади бозомӯзии робитаи байни математика ва экология ташкил гардидааст. Яъне дар рафти машғулот ба иштирокдорон фаҳмонида мешавад, ки математика дар экология чӣ гуна татбиқ мегардад, ҳифзи муҳити зист барои аудиторияи васеъ чӣ хел аҳамият дорад?

Экологияи математикӣ як бахши математикаи амалӣ буда, ба эҷоди моделҳо барои омӯзиши динамикаи популятсия, ҷомеа ва экосистема мусоидат мекунад. Дар ин моделҳо муодилаҳо, аз қабили дифференсиалӣ ё стохастикӣ барои пешгӯии рафтори намудҳо дар шароити гуногун истифода мешаванд. Масалан, онҳо барои дарки он, ки популятсияҳо бо даррандаҳо чӣ гуна афзоиш меёбанд, рақобат мекунанд ё ҳамкорӣ менамоянд, кӯмак мекунанд. Мувофиқи мақолае, ки дар шабакаи сайти MDPI (нашири маҷаллаҳои дастрасии кушод) эълон шудааст, моделсозии математикӣ бинобар мураккаб будани экосистема, ки дар он анҷом додани таҷриба дар аксар маврид ғайриимкон аст, дар ин ҷода нақши калидӣ мебозад. Ин ба экологҳо имкон медиҳад, ки фарзияҳоро санҷанд ва стратегияҳои идоракуниро таҳия кунанд.

Аз ин рӯ, дар лоиҳаҳои воқеии ҳифзи табиат аз моделҳои математикӣ бисёр истифода мебаранд. Яке аз намунаҳои барҷаста ин Протоколи афзалиятноки лоиҳаҳо (PPP) мебошад, ки соли 2008 аз ҷониби муҳаққиқони Маркази гуногунии биологӣ ва илми ҳифз (CBCS) дар ҳамкорӣ бо Департаменти ҳифзи табиати Зеландияи Нав таҳия шудааст.

PPP муодилаеро истифода мебарад, ки арзиш, фоида (аз ҷумла, арзиши намуд) ва эҳтимолияти муваффақияти лоиҳаро ба назар мегирад. Масалан, дар Зеландияи Нав, дар тӯли 6 соли истифодаи PPP, ба тафайли тақсимоти самараноки маблағ, намудҳои бештар аз равишҳои анъанавӣ нигоҳ дошта шуданд.

Мисоли дигар тадқиқотест, ки дар Оксфорд гузаронида шудааст. Дар он усулҳои математикӣ, аз ҷумла топология ва геометрия барои таҳлили маълумоти камераҳои махфӣ дар Борнеои Индонезия истифода шудаанд. Ин барои фаҳмидани тақсимоти намудҳо, чун орангутан, паланг ва таҳияи стратегияҳо барои ҳифзи муҳити зисти онҳо кӯмак кард.

Бартарияти дигари истифодаи моделҳои математикӣ дар он аст, ки барои пешгӯии паҳншавии намудҳои инвазивӣ мусоидат мекунад ва дар идоракунии экосистемаҳо кӯмак мерасонад. Масалан, моделе, ки дар Дания таҳия гардид, барои наҷоти намудҳои нодир бо пешгӯии хатари нобудшавии онҳо кӯмак кард.

Маҳфили илмии «Экоматематика» бобати маъмул гардонидан ва рушди ин соҳаи бисёрҷанба нақши муҳим мебозад. Ин маҳфил омӯзгор ва донишҷӯёнеро, ки ба таҳлили мушкилоти экологӣ, аз ҷумла ба модели популятсия ё таҳлили маълумот ҷиҳати ҳифзи намудҳо бо истифода аз математика таваҷҷуҳ доранд, ба ҳам овардааст. Маҳфил барои омода кардани мутахассисоне хидмат мекунад, ки онҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳифзи табиат, махсусан дар заминаи Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» метавонанд усулҳои миқдориро истифода намоянд. Барои арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим ба экосистемаҳои маҳаллӣ моделҳоро таҳия кунанд.

Бояд гуфт, ки бо тақозои шароит ва афзудани мушкилоти экологӣ дар ҷаҳон, торафт талаб ба моделҳои математикӣ меафзоянд. Зеро онҳо барои қабули қарорҳои саривақтӣ бо захираҳои маҳдуд кумак мерасонанд ва дар соҳаи ҳифзи табиат навгониҳоро ба миён меоранд.

Математика ва экология соҳаҳои ба ҳам алоқаманданд. Хубтар омӯхтани ин ду фан барои ба таври наззаррас беҳтар гардидани талошу кӯшишҳои мо дар самти ҳифзи муҳити зист хидмат мекунад. Ҳоло дар ин самт корҳои шоён анҷом ёфта, барои нигоҳ доштани гуногунии биологӣ ва идораи самараноки захираҳо аз моделҳои математикӣ, чун афзоиши логистикӣ, модели Лотка-Волтер ва PPP истифода мебаранд.

Умед дорем, ки шунавандагони маҳфили илмии «Экоматематика»-и назди кафедраи мо дониши худро дар ин ҷода таҳким бахшида, бо таҳқиқот ва корҳои илмии худ барои рушди соҳа дар мамлакат саҳм мегузоранд ва дар ҷодаи ҳифзи табиат, ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ лоиҳа ва ғояҳои нав ба навро татбиқ месозанд.

**С.ИМОМБЕРДИЕВ,**
**устоди кафедраи математика ва фанҳои табиӣ дар таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ.**



*Дар ноҳияи Бувайда барои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Урганҷӣ» бинои нави замонавӣ ба истифода супурда шуд.*

*Кушоиши бинои мазкур барои аҳолии маҳалла ба иди воқеӣ табдил ёфт. Нахуст дар ин ҷо шиносоӣ бо намоишгоҳҳое, ки ташкил гардиданд, ба вуқӯъ пайваст.*

*Дар маҳалла беш аз 4 ҳазор аҳолӣ истиқомат доранд. Бинои пешинаи он ҳанӯз соли 1970 сохта шуда, ҳамагӣ аз ду хона иборат буду кори аъзои ҷамоатро душвор мекард. Бинобар дӯстиву тифоқии аҳли маҳалла ва ташаббуси прокуратураи ноҳия онҳо дар озмуни «Буҷаи ташаббуснок» ғолиб омаданд ва соҳиби 1 миллиарду 390 миллион сӯм шуда, ба бунёди бинои замонавӣ муваффақ гардиданд.*

*Дар ин ҷо барои ҷавонони маҳалла майдони варзишӣ низ барпо карда шуд. Дар мавзеъ камераҳои назоратӣ гузошта шуданд.*

## Китобҳои нав

***Хушбахтона, солҳои охир ҷевонҳои китоби моро китобҳои тозаи хонданӣ пур мекунанд. Ба қарибӣ китоби Муқимҷон Орифӣ бо номи «Меъмори қалбҳо ё худ маскани маърифат» дар нашриёти «Mahorat»-и шаҳри Самарқанд рӯйи чопро дид.***

# ЛАҲЗАҲОИ РАНГИНИ ҲАЁТ




Тавре ки дар сарсухани китоб узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Маликаи Бахтиёр мегӯяд: «Китоби мазкури Муқимҷон Орифӣ хотираҳои айёми мактабхонӣ ва воқеаҳои муҳими зиндагии муаллифро дар бар мегирад. Муаллиф дар он лаҳзаҳои рангини ҳаёти худ, хусусан давраи мактабии худро бо муҳаббат нақл мекунад».

Инчунин, дар китоб шеърҳои пурмазмуни Ориф Гулханӣ ва Олимҷон Орифӣ бо ду забон ҷой дода шудаанд, ки ба асар мазмуну муҳтавои бештар мебахшанд. Дарвоқеъ, мақолаҳои шавқовари ҳамсинфи муаллиф Гулчеҳра Ҳалимова низ ҳастанд, ки доир ба фаъолияти муаллими нахустинашон Муҳаббат Одилова ва хислатҳои неку роҳбарии Муқимҷон Орифӣ ҳикоя мекунанд.

# «ЯКТА ХАНДЕД, МОДАРҶОН»

***Ин панҷумин маҷмӯаи адибаи ҷавони боиқтидор ва ҷӯянда Маликаи Бахтиёр аст. Китоб аз ҷониби нашриёти «Fan ziyosi»-и шаҳри Тошканд бо теъдоди 1000 нусха рӯйи чопро дидааст.***

Мушоҳидаи ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон барои нависандагон кони мавзӯст. Фақат гуфтору рафтори пур аз лутфи беғашу гуворои онҳоро дар боғчаву хона ба риштаи тасвир кашидан аз нависанда маҳорати хубро тақозо мекунад. Нависандаи ҷавон Маликаи Бахтиёр дар натиҷаи мушоҳидаву омӯзиш дар ин бобат як силсила ҳикояҳои пур аз лутфу назокат навиштааст, ки барои хурду калон аҳамияти калони ахлоқиву тарбиявӣ доранд.

Маҷмӯа ҳикояҳои дар мавзӯъҳои дӯстӣ, ишқ, ватандӯстӣ, меҳру самимият, эҳтироми падару модар, гиромӣ доштани зан, таранနуми дӯстии халқҳо, панду ҳикмат ва ғайра навиштаи муаллифро дар бар мегирад.




Онҳо хонандаро ба омӯхтани илму дониш ва саҳм гузоштан ба рушди равнақи Ватан даъват менамоянд.

Дар ҳар сурат маҷмӯаи нави муаллиф қалби хонандагони ташнаро то андозае забт менамояд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## Бузургдошт

# УСТОД АЙНӢ ВА САМАРҚАНД



Дар байни баъзе ашхос фикри нодурусте вуҷуд дорад, ки Устод Айнӣ дар Самарқанд аз таъқиби амири Бухоро паноҳ ёфта бошад ҳам, гӯё дар бораи Самарқанд чизе нанавиштааст.

Вақте ки осори бисёрҷилдаи Устодро бо диққат аз назар мегузаронед, хоҳед дид, ки ин адиби тавоно ва донишманди беназир дар бораи Самарқанд қалам рондааст, аммо дар ҳамон ҷое, ки ба ин зарурат будааст.

Масалан дар қасидааш «Самарқанду Бухоро» оиди Самарқанд он қадар сухани баланд гуфтааст, ки аз шоирони бузург то ӯ ва баъд аз ӯ низ ин тавр нагуфтаанд. Устод Айнӣ дар асари бузургҳаҷми худ «Намунаи адабиёти тоҷик» ба эҷоди адибони самарқандӣ аз Рӯдакии Самарқандӣ сар карда, то замони худаш оиди ҳар яке бо самимият хома ронда, осори ононро ёдовар шудааст. Дар асарҳои оид ба адабиётшиносӣ навиштааш низ, агар зиндагии ягон адиби бузурги форсу тоҷик муддате дар Самарқанд гузашта бошад, онҳоро шарҳу тафсир намудааст, ки мисолашро дар монографияи ӯ «Зайниддин Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» метавон дид.

Устод Айнӣ дар осори таърихии худ низ зикри Самарқандро бисёр намудааст. Масалан, вақте ки «Исёни Муқаннаъ»-ро навиштааст, оиди иштироки самарқандиён дар шӯришҳои Абумуслим ва Муқаннаъ таъкид меварзад ва ба шӯриши Рофеъ ибни Лайс дар Самарқанд боби махсус мебахшад. Устод Айнӣ соли 1920 дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» китоби нави худ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-ро пора-пора чоп кард. Ин китоб ҷилди даҳуми куллиёти устод Айниро ташкил медиҳад.

Устод Айнӣ, вақте ки оиди воқеаҳои вобастаи ҳукмронии амирони манғит нақл мекунад, воқеаҳои Самарқандро низ таъкид менамояд.

Чуноне ки муаллифони китоби «История Самарканда» (Тошканд, 1969) навиштаанд, баъди он ки соли 1722 Иброҳим-кенегеси шаҳрисабзӣ ҳокими дар Самарқанд таъинкардаи амири Бухороро сарнагун намуд, дар таърихи Самарқанд даҳшатноктарин солҳо сар шуданд. Раҷаб Султон ном хеши ӯ ҳокими Самарқанд мешавад. Барои он ки бекҳои исёнкардаи ноҳиявӣ ҳукумати марказии Бухороро мағлуб кунанд, бо қазоқҳо шартнома мебанданд. Дар асоси ин шартнома қазоқҳо Самарқанд, Миёнкол ва Бухороро 7 соли тӯлонӣ ғорат карда, мардумро кушта, ба асорат бурдаанд. Соли 1729 аллакай дар шаҳри Самарқанд ва ноҳияҳои атрофи он як ҷони зинда намонда буд. Муаллифи «Гулшан-ул-мулук» Муҳаммад Яъқуби Бухороӣ навиштааст: «Дар Мовароуннаҳр гуруснагӣ ҳукмрон шуд. Онҳое, ки тавонистанд, ба кишварҳои дигар гурехта, ҷон ба саломат burданд. Шаҳри Самарқанд ба биёбон монанд гардид».

Амири Бухоро Муҳаммад Раҳимхони манғит (1753-1758) ҳаракат мекунад, ки ин шаҳри беодамро ҷон бахшад. Бо ҳамин мақсад ӯ, баъди истилои Ҳисор, фармон медиҳад, ки ҳамаи сокинони ин водии сарсабзи Тоҷикистони кунуниро ба Самарқанд кӯчонанд.

– Ҳамин тавр, – таъкид кардаанд муаллифони «История Самарканда», – солҳои 50-уми асри XVIII аз Ҳисор ба Самарқанд чандин ҳазор хонавода кӯчонида шуд. Устод Айнӣ ин амали Муҳаммад Раҳимхонро тавсиф накардааст, балки ҳақиқатбинона тасвир намудааст. Ин амир барои андак гуноҳ ҷазои куштан мефармудааст. Бинобар ин, касони аз Ҳисор ба Самарқанд кӯчондашуда ҷуръати бозгашт ба зодгоҳи худ накардаанд.

Соли 1758 Раҳимхон аз асп афтода гарданаш мешиканаду мемурад. Ба ҷойи ӯ Амир Дониёл меояд. Ӯ худи ҳамон сол ба Самарқанд лашкар кашида, ҳокими саркаши Самарқандро бо аҳли байташ асир мекунад. Муаррихон навиштаанд, ки танҳо миёнаҳои соли 70-ум писари ӯ Шоҳмурод ҳокими Самарқанд таъин гардид. Яъне то ҳамин вақт аҳолии Самарқанд танҳо аз мардуми Ҳисор иборат будааст. Амир Шоҳмурод танҳо соли 1785, баъди вафоти падараш, ба тахти хонӣ нишаст, аммо Самарқандро ба касе надода, худ идора мекард. Устод Айнӣ ба сари ҳокимият омадани амир Шоҳмуродро чунин тасвир кардааст: «Амир Шоҳмурод пеш аз он ки дар сарири ҳукмронӣ нишинад, ҳамаи ин нукотро ба мулоҳиза гирифта, дар омода кардани асбоби рафъи ин ғавоил (корҳои баду носазо) мекӯшид. Бинобар ин, чунон ки дар фасли собиқ шаммае нигориш ёфт, дар маслаки зӯҳд ва тақво сулук намуда, оммаи раоёро, ки эшон ва шайхро аз шиддати ихлос ва ақида гӯё, ки мепарастиданд, ба тарафи худ ҷалб намуд. Дар маслаки зӯҳду тақво чунон ғулув карда шуд, ки дар айёми падар чун бепадарон ятими мискин сарупобараҳна мезист.

Вақте ки бар сари аморат омад, боз ба асбоби таҷаммул наздик нашуда, ба ҳамон сифати торикдунёӣ зиндагонӣ мекард. Ҷамеи либосашро дар айёми ҳукмрониаш ба 12 танга қимат мекарданд. (Мирзо Азим).

Барои таҳдиди синфи хоҷагон ва ашроф дар аввали ҷулуси худ қозиюл-қуззот Сайид мир Низомиддинхоҷаи қозикалонро дар таҳти дарвозаи арки Бухоро, ба ҳузури умум бар замин хобонида мех ба шакамаш зада кушт. (Назар ба ривояти «Таърихи Туркистон» вақте ки амир Дониёл аз ҳаммолӣ кардани Шоҳмурод шикоят мекард, қозӣ Низом ба қатлаш машварат дода буд. Вақте ки Шоҳмурод ба мансаби аморат расид, ба ҳамин кина қозӣ Низомро кушт).

Авқофро (вақфҳоро) аз дасти синфи мутағаллиба (гурӯҳи забардаст) гирифта, мадорисро эҳё кард. Ба ин тақриб як силсила шикампарастро, ки батнан баъди батнин (авлод ба авлод) авқофро тасарруф мекарданд, аз миён бардошта ба ҷойи эшон як фирқаи бузургеро, ки бар сабили бадалият бар сари авқоф хоҳад омад, ҳамеша ба дарбори ҳукумат марбут кард. Ин фирқаи содиқа талабаи улум ва синфи уламо буданд.

Ҳарчанд амлок ва танхоҳро аз дасти сарони сипоҳ ва умарои элотия нагирифт, дар бораи муомилаи эшон бо корандагон қавонини (қонунҳо) муътадилае вазъ намуд. Ба ин восита ҳам сарварони элро аз худ наранҷонид, ҳам деҳқононеро, ки воситаи арзоқи (ризқу рӯзӣ) оммаанд, як дараҷа аз заҷру тааддӣ халосӣ дод. Хироҷ ва молиёти подшоҳиро низ аз деҳқон ба ҳадди ақал ситонида, дар зироат ба хубӣ ёрӣ дод.

Хазинаро низ аз тасарруфи мутлақаи худ баровarда, закот, хироҷ ва соири молиётро ба хонаҳои махсусе гузошта, ба масрифаш мерасонид. Аз байтулмол (хазина) касе, ки камтар ҳақ мегирифт, худи амир Шоҳмурод буд. (Ба ривояте ду ва ба ривояте чаҳор танга явмия (маоши ҳаррӯза) мегирифт).

Дар сурате, ки аркони ҳукуматаш ба алвони неъмат компрон буданд, худ чун ярма ва мошоба ба таомҳои саҳлатулҳусул (осон ёб) қаноат мекард. (Ин хусусро Мирзо Малкамхон (сафири ҳинду англис – Малколм) низ дар таърихи худ нақл кардааст).

Ба ин тақриб, тамоми раоёро дар муҳаббати худ вола карда, мамлакатро низ интизоме дод.

Маазолика аз сипоҳ, ки ҳамеша ба тохту тороҷ унс гирифта буданд, ба куллӣ эмин набуд. Бинобар ин, ҳарсола барои тороҷ ба номи ғазои «қизилбош» аз Ому убур карда, диёри Хуросонро то ҷавори Машҳади муқаддас помол мекард. Чун ин хунрезӣ ва яғмогариҳоро «ғазо» ном ниҳода буд, домани қудсияташ аз ин хунҳо олуда намегардид. Сипоҳ, ки дар дохили маҳкуми Бухоро дасташон аз ҳар гуна ҷавр ва тааддӣ кӯтоҳ буд, ҳамин ки аз Омуя убур мекарданд, мутлақ-ул-инон (соҳиби ихтиёроти куллӣ) шуда, ба ҳар қисм фасод дар ҳаққи ибод (фуқаро) дастдарозӣ менамуданд.

Баъзе аз умарои Хуросон ба қабули ҳадя ва пешкаши муайяна ба амир Шоҳмурод аҳд баста, эли худро аз тороҷи сипоҳ маҳфуз доштанӣ мешуданд. Лекин ҳамин ки навбати тороҷ мерасид, аҳд ва паймон аз ёди амир ва маъмуронаш билкуллия фаромӯш шуда, заррае аз яғморо дареғ намедоштанд. (Мирзо Малкамхон таъйид мекунад). Онҳое, ки дастгир мешуданд, ё дар бадали фидя (маблағи ҷон) озодӣ меёфтанд ва ё дар бозорҳои Бухоро ба фурӯш мерасиданд. Ба ин сабаб шаҳри Марв ва атрофаш дар аҳди амир Шоҳмурод чунон хароб шуд, ки иборат аз як дашти регзор гардид (Ин харобии Марв то тасарруфи Русия давом кард).

Байрамалихон, ки ҳокими Марв буд, дар аҳди Амир Дониёл бо ӯ муоҳада (шартнома) баста ба осудагӣ мезист. Амир Дониёл Байрамалиро фарзанд хитоб мекард. Баъд аз вафоти амир Дониёл Байрамалӣ номаи таъзия навишта, бо пешкаши лоиқа ба хидмати амир Шоҳмурод элчӣ фиристод ва дар Марв ба рӯҳи амир Дониёл ба фуқаро таом дода, фотеҳахонӣ кард. («Таърихи Туркистон»). Маазолика Марв ва Байрамалӣ аз дасти амир Шоҳмурод маҳфуз намонд: Байрамалихонро бо мутаалліқонаш кушта, писарашро дар Бухоро ба асирӣ овард. Банди Султониро хароб карда, Марвро ба як сурати абадӣ ба харобӣ андохт. Мардумеро, ки дар он сарзамин сукно доштанд, ба Мовароуннаҳр кӯчонида, ба атрофи Бухоро ва Самарқанд манзил дод». (Куллиёт, ҷилди 10. саҳ 15-17).

Чуноне ки мебинем, Устод Айнӣ таъкид кардааст, ки ба Самарқанд ва атрофи он мардуми Марви харобгардида низ кӯчонида шудаанд.

Устод Айнӣ дар боби »Тахриби Ёротеппа ва таъмири Самарқанд» нигоштааст: «Дар аҳди амир Шоҳмурод дар Ёротеппа аз авлоди қалика Худоёрбӣ бинни Фозилбӣ бил-истиқлол ҳукумат дошт, Хуҷанд, Хавос, Зомин ва Диззах аз қаламрави ӯ ба шумор мерафт. Амир Шоҳмурод то зинда будани Худоёри мазкур ба мулки ӯ тааррuz накард.

Вақте ки дар соли 1215 ҳиҷрӣ Худоёрбӣ вафот карда, Бобо девонбегӣ ном бародари кӯчакаш, ки ба Диззах ҳукумат дошт, ба ҷойи ӯ қарор гирифт, амир Шоҳмурод ба он савб (тараф) юриш намуда, Диззахро тасарруф карда баргашт.

Соли дигар боз ба тарафи Ёротеппа сафар карда, шаҳрро ба муҳосира андохт. Чун ба зӯрӣ фатҳ муяссар нашуд, аз муҳосара даст бардошта, рафта Хуҷандро тасарруф карда баргашт.

Амир Шоҳмурод дар ин сафари худ мулҳақоти Хуҷанд, Ёротеппа, Хавос, Зомин ва Ёмро тороҷ намуда, аҳолии он ҷоро ҷилои ватан карда, кӯчонда ба Самарқанд овард. Ба ҳамон сол дар Самарқанд 24 гузар ва масҷид бино карда, ғарибони мазкурро ҷо дод, ки ҳар кас ба қадри мақдур кулбае иморат карда нишаст. Тоқи Чорсӯи Самарқанд, дарвозаи Пойқабоқ, дарвозаи Шоҳизинда ва Қаландархонаро иморат кард ва дарвозаи Сӯзангаронро, ки кӯҳна ва хароб шуда буд, таҷдид намуд.

Алъон дар Самарқанд, гузарҳое, ки ба номи Хавосӣ, Зоминӣ, Ёминӣ, Хуҷандӣ, Ургутӣ ва ғайра-золик машҳур аст, нашонаи он аз ватан ҷилоёфтагон аст.

Вақте ки амир Шоҳмурод мардуми мазкурро ба Самарқанд кӯчонида овард, аз як тараф, ба таъмири масоҷид, маҳаллот ва гузарҳо ва аз тарафи дигар, ба иморати тоқи Чорсу оғоз кард. Дар аснои иморати тоқ рӯзе биззот худ ба сари иморат омада, дар бораи таъмир ба меъморон фикр медод, ки аз ҷилоиватаншудагон мавлавӣ Худойназар ва охунд мулло Қурбон ном ду муллои хавосӣ рӯ ба рӯяш омада, мулло Қурбони мазкур ба дуруштии тамом ба амир хитоб карда гуфт: »Эй золими мазлумозори худонотарс! Гуноҳи мо чӣ буд, ки моро аз ватан ба қаҳр баровarда, ба муҳассилони ғилоз (дурушт) ва сипоҳиёни шидод (золим) супоридӣ. Бисёре аз авлоди мо аз машаққати роҳ дар зери аспони сипоҳ ҳалок шуда, аёлони мо сарупобараҳна, афтону хезон ва амволи мо ба дасти залама тороҷу толон ва худҳои мо саросема ва ҳайрон, ба ҳазор уқубат дар ин вилоят ба балои мусофират гирифтор шудем. Фардои қиёмат дасти мову домани ту, эй золим! Худро ба дурӯғ сӯфӣ ва муттақӣ ном гузоштӣ ва мо бечорагон ба тақво ва худотарсии ту эътимод намуда, ба ҷое фирор нанамудем...»

Амир ба даҳшати ин суханҳои ҳақ ва талх тоқат карда натавониста ва ба худ ҷуръати муқобилат надида, аз эшон рӯй тофта, фавран саворӣ карда, ба тарафи арк роҳӣ шуд. Муллоёни мазкур то вақте ки овозашон мерасид, ҳеҷ гуна дашном ва носазоро дареғ надоштанд. (Ин воқеа аз таърихи мулло Ҳамулӣ, ки муҳибби амирони манғит ва маддоҳи амир Шоҳмурод аст ва ин ҳодисаро ба чашми худ дида ва ба гӯши худ шунида сабт намудааст, иқтибос карда шуд. Мулло Ҳамулии мазкур дар ин сафар бисёр ҳодисаҳои ногувор ва воқеаҳои ноҳинҷорро ҳикоят карда, лекин мо аз нақлаш сарфи назар намудем)». (Куллиёт, ҷилди 10. саҳ 19-20).

Устод Айнӣ ҷанги лашкари Русия бо лашкари амир Музаффар дар Самарқанд ва гирифта шудани Самарқандро низ батафсил тасвир кардааст. Чуноне ки мушоҳида кардед, Устод Айнӣ вобаста ба тасвири воқеаҳои муҳими таърихӣ он навиштаҳоеро аз гузаштаи Самарқанд нақл мекунанд, зикр намудааст. Навиштаҳои Устод Айнӣ оиди таърихи Самарқанд саҳифаҳои торики таърихи ин шаҳри бостониро рӯшан хоҳад кард.

**Адаш ИСТАД,**
*ш. САМАРҚАНД.*

*Ҳамзамонони мо*

***Ҳар инсон бо рафтор, гуфтор ва кирдори хоси худ як олами беҳудуду нотакрорро мемонад ва маҳз аз рўйи ҳамин меъёрҳои шинохт ба инсон баҳо медиҳанд. Омўзгори ботаҷриба, инсони хоксору ботамкин, марди кордон Шўҳрат Азизов аз он гурўҳи инсонҳое мебошад, ки бо рафтор, гуфтор ва кирдори писандидаи худ ба номи нек сазовор шудааст ва дар ҷомеа мавқеи хешро пайдо кардааст.***

# ОМЎЗГОРИ ДИЛБАСТАИ САНЪАТУ ҶИЛОИ РАНГҲО



Шўҳрат Азизов 20 апрели соли 1974 дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё дида ба дунё кушодааст. Таҳсилоти ибтидоиро дар мактаби ҳамагонии рақами 10-уми зодгоҳ гирифтааст. Аз хурдсолӣ зеҳни тез дошт ва ҳамеша барои омўхтани асрори илму дониш талош мекард. Бахусус, расмкаширо дўст медошт. Бо гузашти солҳо муҳаббаташ ба ҷилои рангу тасвирҳо меафзуд. Падараш Шарифбой ва модараш Ҳалимамомо ҳаваси писарашонро ба мусаввирӣ пай бурда, бо ҳам маслиҳат карданд, ки нури дидаи худро дар самти санъати тасвирӣ мехононанд. Азбаски ҳар ду мутаҳассили Донишгоҳи давлатии Хуҷанд буданд, ҳуҷҷатҳои Шўҳратро ҳам баъди хатми мактаб ба факултаи рассомӣ ва графикаи ин донишгоҳ супориданд.

Шўҳрат аз имтиҳони қабул сарбаландона гузашта, донишҷў шуд. Ҳангоми таҳсил аз Аҳмад Хўҷаев, Озод Исломов, Саид Олов ва Гулчеҳра Ҷалилова барин мусаввирони номдор асрори расмкаширо бештару беҳтар омўхт. Донишгоҳро бо сари баланд хатм карда, фаъолияти меҳнатии худро дар мактаби зодгоҳ сар кард. Якҷоя бо устодоне, ки аз онҳо илму дониш омўхта буд, кор пеш бурд.

Инак, Шўҳрат Азизов 30 сол ин ҷониб дар мактаби рақами 34-уми ноҳияи Сайҳунобод касби авлодиро идома медиҳад ва пайваста барои такмили донишу маҳорати худ дар ҷодаи санъати тасвирӣ омўхтани навгониҳои соҳа талош мекунад. Ин аст, ки ҳоло дар ноҳия танҳо ду нафар омўзгори фанни санъати тасвирӣ соҳиби тоифаи олӣ бошанд, яке аз онҳо Шўҳрат Азизов мебошад.

Ин муаллими заҳматписанду меҳнатдўст доим ҳаракат мекунад, ки ҳар як соати дарсиро бо омодагии хоса ва меҳру самимият гузарад. Натиҷаи чунин талошу ҳаракатҳост, ки шогирдонаш дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои гуногуни расмкашӣ фаъол иштирок мекунанд ва чанде аз онҳо ба комёбиҳо низ сазовор шудаанд. Илова бар ин, муаллим дар дили шогирдони зиёди худ тухми муҳаббат ба мусаввириро коштааст, ки чанде дар ин самт таҳсили илм менамоянд. Маҳтоб Қаҳҳорова аз ҷумлаи чунин шогирдони ўст, ки дар самти санъати тасвирӣ мехонад.

– Санъати тасвирӣ дар маданияти Шарқ бо хусусият ва ҷозибаи махсусаш бартарӣ дорад. Дар сарзамини мо аз қадимулайём бисёр хаттотону мусаввирони моҳир ба камол расидаанд. Онҳо бо ҳусни хати зебову хушхони худ барои ба хонадону ҷевони китобҳои мардум ворид шудани бисёр девонҳои нодиру асарҳои машҳури таърихӣ саҳм гузоштаанд. Солҳои охир эътибор ба омўзиши асарҳои ноёб, эҳёи дубораи осори мусаввирони бузург афзуд, ки ин илҳомбахши кору фаъолияти мо мегардад. Ҳамзамон ҷиҳати кашфи истеъдодҳои нав, дастгирии онҳо, пурмазмун гузаронидани вақти холии ҷавонон шароит ва имкониятҳои хуб фароҳам мешавад. Моро зарур аст, ки бо истифода аз имконоту имтиёзот ба шогирдон таълими хуб диҳем. Чунки муаллими воқеӣ дар баробари соҳибхираду соҳибтаҷриба будан, бояд шогирдони худро дўст дорад. Ҳаракат кунад, ки барои онҳо дониши нав омўзад, – мегўяд Ш. Азизов.

Шўҳрат табиатан инсони хоксор ва самимӣ мебошад. Мутолиаи осори ниёгонро дўст медорад ва дар раванди дарсҳо низ аз панду андарзҳои бузургон фаровон истифода мебарад. Доим талош мекунад, ки бо ҳама муросову мудоро намояд.

Ин марди ҳалиму дидадаро бо ҳамсараш Гулгун, ки вай низ омўзгори синфҳои ибтидоӣ аст, чор фарзандро таълиму тарбияи нек доданд. Ҳоло писари калони хонадон Далер ба ҳайси мухбир фаъолият дорад. Фарзанди дуюм Азизбой ва духтари хонадон Рўзигул чун идомагари касби авлодӣ аз пайи волидон рафта, яке омўзгори фанни физика ва дигаре муаллимаи синфҳои ибтидоӣ ҳастанд. Писари хурдии хонадон Дамир хонандаи синфи XI аст.

Падару модари саодатманд дуои тани сиҳати фарзандон ва чор нафар набераҳои ширини худро карда, ҳоло низ ба шогирдон асрори илм меомўзанд. Бобати тарбияи наслиояндасози Ўзбекистони Нав саҳм мегузоранд.

Меҳнати фидокорона, содиқона ва таҳтидилонаи муаллими ботаҷриба Шўҳрат Азизов муносиб эътироф гардида, борҳо бо диплому сипосномаҳои садорат ва шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии вилояту ноҳия мукофотонида шудааст. Инчунин, соли гузашта бо нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқ» сарфароз гардид ва ин ба 50-солагии мавсуф тўҳфаи арзанда шуд, ки гуфтаанд:

*Шуморо обрў бошад*
*ҳамеша,*
*Баланд аз қуллаҳои*
*кўҳсорон.*
*Ба олам бахту давлат*
*ёратон бод,*
*Ҳамин аст орзуи ҷамъи*
*ёрон.*

**Ф. ЙЎЛДОШЕВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

*Ба ҷойи табрик*

# ШАСТИ ДИГАР ХОҲЕМ, БАР ШАСТИ ШУМО...

*Ё худ чил сол дар майдони матбуот*

***Дар шоҳроҳи зиндагӣ гоҳо бо инсонҳое рў ба рў меоед, ки дар ягон ҷодаи заҳматписанд масъулият ва меҳнатдўстиро мақсаду мароми хеш қарор дода, бо иқдомҳои накўву шоиста барои пешрафти соҳаи худ фидокорона талош мекунанд ва ба эҳтирому эътирофи атрофиён сазовор гардидаанд. Сармуҳаррири рўзномаи ҷумҳурии «Овози тоҷик», узви иттиҳодҳои журналистони Ўзбекистон ва Тоҷикистон, рўзноманигори ботаҷриба ва инсони худшиносу фарҳангдўст Шерпўлод Вакилов аз зумраи чунин шахсиятҳо мебошад, ки беш аз чил сол боз дар соҳаи матбуоти тоҷик хидмати босазо анҷом медиҳад.***



Шерпўлод Ҷўрабоевич 20 апрели соли 1965 дар деҳаи биҳиштосои Нанайи ноҳияи Бўстонлиқ, воқеъ дар соҳили дарёи Писком ва доманаи қаторкўҳҳои Чимён таваллуд шудааст.

Хонадоне, ки ў ба дунё омад, яке аз оилаҳои одии кўҳистон буд. Саробони хонадон Ҷўрабой Вакилов дар хоҷагии ба номи «50-солагии рўзномаи «Правда» меҳнат мекард ва бо ҳамсараш апаи Садагул барои таълиму тарбияи накў ва беосеб ба камол расондани ҳафт фарзанди худ, панҷ писар – Тошпўлод, Шерпўлод, Шарифбой, Рўзибой, Тоҳир ва гулдухтарон – Фотимаву Зўҳро пайваста талош мекарданд.

Дар он айём хонондани фарзандон дар мактабҳои олӣ кори осон набуд. Лек волидон доим ҳаракат мекарданд, то дилбандонашон соҳиби маълумоти олӣ, касбу ҳунар шаванд. Онҳо чун инсонҳои шарифу бофарҳанг ҳамеша фарзандони худро бо нармиву меҳрубонӣ насиҳат мекарданд, ки дониш андўзанд, китоб хонанд ва ахлоқу одоби ҳамида дошта бошанд. Ин буд, ки орзуву умеди падару модар дар симои фарзандон ҷомаи амал пўшид. Се нафар писар соҳиби маълумоти олӣ, чаҳор фарзанди дигар соҳиби маълумоти миёнаи махсус шуданд. Ҳама дар ҳаёт мавқеъ ва мақоми худро пайдо карда, ҳоло саробони оилаҳои хушбахту саодатманданд.

Шерпўлод тўли солҳои 1972-1982 дар мактаби таълими умумии рақами 44-уми ноҳия аз Адашбой Мирҳомидов, Тоҷибой Аҳмедов, Самариддин Фаёзов, Турғунбой Пирматов ва Комилҷон Бобоев барин муаллимони фидокор сабақ гирифт. Муаллими аввалини Шерпўлод – Мириддин Нуриддинов, ки худ аз рўйи ихтисос филолог буду баъдан дар синфҳои болоӣ аз забон ва адабиёти тоҷик ҳам дарс дод, дар дили ў нисбат ба шеъру адаб, илму фарҳанг муҳаббат пайдо кард. Ҳамин меҳру завқ ба адабиёт ва забон буд, ки Шерпўлод баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳои худро ба шуъбаи тоҷикии факултаи филологияи ўзбеку тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ супурд ва аз имтиҳоноти қабул сарбаландона гузашта, донишҷў гардид.

Вақте курси аввалро хатм кард, ўро ба аскарӣ даъват намуданд. Се моҳи аввали хидмат дар мактаби сержантии шаҳраки Душеттии Гурҷистон сипарӣ гашт. Баъд ўро ба қисми ҳарбии шаҳри Нахҷувони Озарбойҷон фиристоданд. Пас аз ду моҳ Шерпўлод ва чанд ҳамхидматашро ба қисми ҳарбии қувваҳои ҳавоии шаҳри Лагадехии Арманистон мефиристанд. Ду моҳи омодагӣ гузашта, қисми ҳарбиро ба Афғонистон мекўчонанд. Ҳамин тариқ, лозим меояд, ки ў хидматро дар Афғонистон (Қандаҳор) давом диҳад. Боқӣ якуним соли хидматаш дар артиш байни «обу оташ» сурат гирифт – дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи шўравӣ қарзи интернатсионалии худро адо намуд. Он солҳо хидмати ҳарбӣ дар Афғонистони ҷангзада воқеан мактаби санҷиши мардонагӣ ва ҷасорату матонат буд. Шерпўлод ин ҳама санҷишҳоро муваффақона паси сар карда, барои хидмати софдилона медали «За боевые заслуги» («Барои хидматҳои ҷангӣ»)-ро ба даст овард ва бо сари баланд ба Ватан баргашт.

Акнун мебоист аз пайи хондан шавад. Аммо бо тақозои шароити хонаводагӣ таҳсилашро дар шуъбаи ғоибона давом дода, аз соли 1985 фаъолияти меҳнатии худро дар рўзномаи «Ҳақиқати Ўзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») ба ҳайси мусаҳҳеҳ оғоз намуд ва бо ҳамин дар қалби Шерпўлод орзуи идомаи фаъолият дар ин даргоҳи муборак маъво гирифту инак чил сол боз фаъолияти босамар мебарад.

Он солҳо дар «Ҳақиқати Ўзбекистон» таҳти сарварии Корманди хидматнишондодаи фарҳанг Шавкат Ниёзов «ансамбл»-и рўзноманигорони варзида гирд омада буданд. Дар як саф фаъолият бурдан бо Муҳсин Умарзода, Раҳматҷон Норов, Авнер Исоқбоев, Тоҳир Олимбоев, Ҷонибек Қувноқов, Ҳомидҷон Қличев, Юсуфи Мирзозод, Маъруф Отахонов, Ҳисомиддин Абдувалиев, Бекназар Тўйназаров, Эҳсон Турдиқулов, Муайяна Хоҷаева барин соҳибқаламон шараф буд барои Шерпўлод. Аз гирумон – қаламрониҳои журналистони он вақт ҷавон Тўхтамиш Тўхтаев, Шоқаҳҳор Салимов, Фахриддин Парпиев ва Матлуба Шоалиева низ бардоштҳо кард. Собиқадорону куҳансолон ўву журналистони ҷавонро аз таҷрибаву андўхтаҳои хеш баҳраманд мекарданд. Ба эҷодкороне, ки пайи қаламашон тоза аст, идораи рўзнома мактаби ибрат ва омўзиш қарор ёфта буд.

Ш. Вакилов то соли 1988 дар вазифаи мусаҳҳеҳ кор карда, баъд тўли солҳо чун тарҷумон, мухбир, мухбири калон, муҳаррири шуъбаи агросаноат фаъолият бурд.

Тўли солҳо бо эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ нозукиҳои соҳаро азхуд намуд ва фаъолияти касбии хешро сайқал дод. Пайваста ба такмил додани маҳорати журналистии худ талош карда, бо навовариҳои соҳа ошно гашт ва дар мавзўоти муҳим мақолаҳои ҷолибу хонданӣ интишор намуд. Маҳз бо назардошти масъулиятшиносӣ, меҳнатдўстӣ ва қобилияти ташкилотчигӣ, соли 1994 Шерпўлодро котиби масъули рўзнома таъин намуданд. Дар ин вазифа то соли 1998 кор кард ва ҷонишини сармуҳаррир таъин гашт. Аз соли 2003 сармуҳарририро ба ўҳда гирифт.

Асное ба Ш. Вакилов вазифаи басо пурмасъулият супурда шуд, рўзнома давраи хеле вазнин ва мураккабро аз сар мегузаронд. Баробари мушкилоти маблағ, норасоии коғаз вуҷуд дошт. Сармуҳаррирро лозим меомад ҳатто аз дигар рўзномаҳо коғазу пул қарз гирад...

Инак, 23 сол инҷониб Шерпўлод Вакилов ба «Овози тоҷик» роҳбарӣ менамояд. Дар ин муддат ба туфайли саъю ҳаракати ў рўзнома мазмуну мундариҷаи нав пайдо кард, сафи муштариён зиёд гашт, пойгоҳи моддиву техникии таҳририят ва таъминоти моддии кормандон рў ба беҳбудӣ овард.

Маҳз бо ташаббуси сармуҳаррир чанд сол муқаддам веб-сайти расмии рўзномаи «Овози тоҷик» дар шабакаи ҷаҳонии Интернет таъсис ёфт. Инчунин, дар шабакаҳои YouTube, Facebook, мессенҷери телеграм, инстаграм фаъолияти саҳифа ва каналҳои рўзнома роҳандозӣ шуд, ки ҳоло дар умум беш аз 20 ҳазор нафар корбар доранд. Ин имкон дод рўзномаро хонандагон дар доираи боз ҳам васеътар, ҳамчунин берун аз мамлакат мутолиа намоянд, доири боз ҳам шавқангез ва хонданибоб баромадани мавод фикру андешаҳои худро баён кунанд.

Соҳибҷашни мо барои корҳои беназираш дар рушди матбуоти миллӣ, таҳкими робитаҳои дўстии халқҳои тоҷику ўзбек, саҳми шоиста дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои судманди фарҳангӣ борҳо бо диплому сипосномаҳои вазорат, сафорат ва корхонаву ташкилотҳо сарфароз гардидааст. Инчунин, соли 2018 дар арафаи Рўзи байналхалқии озодии матбуот бо мукофоти «Эътимод»-и Шўрои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва ордени «Меҳнат шуҳрати» (Ўзбекистон) мукофотонида шудааст.

Инак, аз он рўзи фархунда, ки тифле ба дунё омад, шаст баҳору шаст зимистон гузашт. Қаҳрамони мо тўли ин солҳо баробари комёбиҳо дар ҷодаи фаъолият, дар ҳаёти оилавӣ низ ба бурдбориҳои зиёд ноил гашт. Бо ҳамсараш Инобат ду фарзанд – Таҳмина ва Беҳрўзро тарбияи шоиста доданд. Соҳибмаълумот карданд. Ҳоло онҳо оилаҳои намунавӣ доранд ва дар ҷодаҳои гуногун фаъолият намуда, баҳри рушду ободии Ватан саҳм мегузоранд. Падару модари хушбахт бошанд, аз ҳар як комёбии фарзандону хандаву беғубори наберагони худ неруи нав гирифта, дар иҳотаи онҳо хушҳолона умр ба сар мебаранд.

Бо як сухан, Шерпўлод Вакилов соҳиби дониши кофии касбӣ, маърифати баланди инсонӣ, фарҳанги волои фитрӣ мебошад ва касбу кори худро дўст медораду доим мекўшад, то мазмуну мундариҷаи рўзнома беҳтар шавад, шумораи муштариён зиёдтар ва комёбиҳои кормандон бештар гардад.

Мо сармуҳаррири худро бори дигар ба муносибати шасти камолоти умр аз самими қалби ҳамкасбон шодбош гуфта, ба ў тансиҳативу умри бобаракат, хушбахтиву сарбаландӣ, пирўзиҳои эҷодӣ ва ба аҳли оилааш сидқу сафо, файзу сахо ва меҳру бақо таманно менамоем. Бигузор, ба шасти соҳибҷашн Худованд боз шасти дигар ато фармояду ҳамеша хушрўзиҳо ёр шавад.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,**
**муҳаррири шуъбаи**
**«Овози тоҷик».**

# МУНОСИБҲО ИНТИХОБ МЕШАВАНД

***Дар саросари ҷомеаи шаҳрвандони маҳаллаҳои ҷумҳурӣ моҳҳои май-июни соли ҷорӣ ҷараёни муҳими сиёсӣ – интихоботи раисони ҷомеаи маҳаллаҳо баргузор мегардад.***

Ба ин муносибат дар ҷойҳо аллакай ҳаракатҳои амалӣ ба роҳ монда шудааст. Аз он ҷумла, дар ноҳияи Косонсой низ аз ҷониби аъзоёни комиссияҳои кумакрасонӣ барои ташкил ва гузаронидани ин чорабинии муҳим бо аҳолӣ вохўрӣ ва семинарҳо гузаронида шуда истодааст.

Чанде пеш дар маҷлисгоҳи мактаби миёнаи рақами 35 бо ташаббуси ҳокимият ва созмони маҳаллаҳои ноҳия бо иштироки аъзоёни комиссияҳо ва фаъолони соҳа семинар баргузор гашт. Дар давоми семинар ба ҳозирон оиди иловаю дигаргуниҳои Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи интихоботи раиси ҷомеаи шаҳрвандон», мазмун ва моҳияти асосҳои ташкиливу ҳуқуқии чунин маъракаи муҳими сиёсӣ, вазифаҳои зарурии аъзоёни комиссияҳои кумакрасонӣ тавсияву мулоҳизаҳо пешниҳод гардид.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

*Минбари донишҷўй*

# АЗИЗУ РАҲБАРАМ ҲАСТӢ, ПАДАРҶОН!

Вақте падар мегўем, пеши назарамон бевосита шахси роҳбаладу раҳнамои ҳаёт падидор мегардад. Падар тарбиятгари фарзандон ва шоҳсутуну оромбахши хонадон аст. Ў рамзи устуворӣ, муҳофизат ва масъулият мебошад. Падар ба фарзандон баробари расондани мадади моддӣ арзиш, таҷриба ва ахлоқи дурустро низ меомўзонад. Падар бузургтарин ва меҳрубонтарин шахс дар ҳаёти фарзандон аст. Ў дар дил орзу мепарварад, ки фарзандаш дар оянда шахси бузург шуда, ба халқу ватани худ сидқан хидмат кунад.

*Падар тоҷи сарам ҳастӣ,*
*Ягона гавҳарам ҳастӣ.*
*Дар ин дунё барои ман*
*Азизу роҳбарам ҳастӣ.*

Барои исботи фикр ҳикояи зеринро мисол овардан мехостем, ки падар нерўи мағлубнопазир барои ҳар як фарзанд аст:

«Овардаанд, ки рўзе падаре назди писар омада, дасти худро ба китфи ў гузошта, мепурсад:

– Писарам, кӣ зўр, ман ё ту?

Писар ҷавоб медиҳад:

– Ман зўр, падарҷон.

Падар бори дигар ҳамин саволро такрор мекунад, писар боз мисли аввала ҷавоб медиҳад. Падар аз ин ҳол ғамгин гашта, назди писар менишинад ва ба ў нигариста боз мепурсад:

– Писарам, нағзтар фикр кун, ман зўр ё ту?

Писар ҷавоб медиҳад:

– Шумо зўр ҳастед падар. То иқдом дастатон дар китфи ман буд, ман зўр будам, чун дасти худро гирифтед, ман бе шумо ҳеҷ касам, падар».

Олиму фузало ва шоиру нависандагон дуруст қайд кардаанд, ки падарон тоҷи сари фарзандон ба ҳисоб мераванд. Мо бояд худро ҳеҷ вақт аз ин кулоҳи бебаҳо боло нагузорем. Исботи ин гуфтаҳоро дар ҳикояи зер низ дидан мумкин аст:

«Рўзе ба хонаи як мард дўсти наздикаш меҳмон меояд. Баъд аз пурсупос бо меҳмон мард бо таъриф кардани писари худ мегузарад. Мегўяд, ки ў як писари боақлу ҳуш аст ва то ин вақт боре ҳам сухани маро ду накардааст. Баъд писари худро ба наздаш ҷеғ зада мегўяд:

– Писарҷонам, боми хонае, ки мо нишастаем, вайрон шудааст, дуруст карда фуроед.

Писар ҷавоби рад медиҳад. Падар аз ин ҳол ҳайрон шуда, мегўяд, «барои чӣ, писарам?»

Писар ҷавоб медиҳад:

– Барои он, ки, падарҷони азиз, ман ба боми он хонае, ки шумо нишастаед, пой қадам гузошта наметавонам!»

Мо аз ин ду ҳикоя меҳру муҳаббати фарзандро нисбати падар дида метавонем, ки хеле ибратбахш аст.

Ҳар фарзанде, ки ҳоло падараш зинда аст, бояд бо қадри ин шахси бузург бирасад. Аз даст додани падар барои фарзанд дардест, ки онро наметавон бо сухан баён кард. Падарон дар қалби мо на танҳо як шахс, балки як сутун, як сарчашмаи муҳаббат ва ҳимоя ҳастанд. Хотираҳои неке, ки аз падар доред, ҳамеша ҳамроҳи шумо хоҳанд буд.

**Чарос ҲАМРОБОЕВА,**
**донишҷўйи бахши аввали**
**шуъбаи тоҷикии**
**факултаи филологияи**
**Донишгоҳи давлатии Бухоро.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 3690. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.